


***Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим***

**قَالَ رَسُول الله (صلّى الله عليه وَ آله):**
**اِنِّي تَارِكٌ فِيكُمُ الثَّقَلَيْنِ: كِتَابَ اللهِ، وَعِتْرَتِي اَهْلَ بَيْتِي،**
**مَا اِنْ تَمَسَّكْتُمْ بِهِمَا لَنْ تَضِلُّوا اَبَدًا،**
**وَاَنَّهُمَا لَنْ يَفْتَرِقَا حَتّى يرِدَا**
**عَلَيَّ الْحَوْضَ.**

***Расули Худо(с) фармудаанд:***
***Ман ду чизи гаронбаҳоеро дар миёни шумо аз худ боқӣ мегузорам: яке Китоби Худованд ва дигаре Итратам, Аҳли байтам. Агар ба ин ду чанг занед, ҳаргиз гумроҳ нахоҳед шуд. Ин ду ҳеҷ вақт аз якдигар ҷудоӣ надоранд, то он гоҳ ки бар ҳавзи Кавсар бар ман ворид шаванд.***

*Саҳеҳи Муслим*, *ҷилди* ***7****, саҳ.* ***122****;* *Сунани Дорамӣ*, *ҷилди* ***2****, саҳ.* ***432****;* *Муснади Аҳмад*, *ҷилди* ***3****, саҳ.* ***14, 17, 26, 59,*** *ҷилди* ***4****, саҳ.* ***366, 371,*** *ҷилди* ***5****, саҳ.* ***182,*** *Мустадраки Ҳоким*, *ҷилди* ***3****, саҳ.* ***109, 148, 533*** *ва* ***...***

# Нигариши кӯтоҳе
# ба зиндагии чаҳордаҳ маъсум

**Қисмати нӯҳум**
**Зиндагии пешвои ҳафтум ҳазрати**
**Имом Мӯсои Козим (а)**

**Муаллиф:**
**Ҳайати таҳририяи муассисаи «Дар роҳи ҳақ»**

**Мутарҷим:**
**Зарринтоҷ**

**Ношир**
**Маҷмаи ҷаҳонии «Аҳлибайт»**

نام کتاب: پیشوای هفتم حضرت امام موسی بن جعفر (ع)

نویسنده: هیأت تحریریه مؤسسه در راه حق

مترجم: زرین تاج

زبان: تاجیکی

**Номи китоб**: Нигариши кӯтоҳе ба зиндагии чаҳордаҳ маъсум (Зиндагии пешвои ҳафтум Имом Мӯсои Козим)

**Муаллиф**: Ҳайати таҳририяи муассисаи «Дар роҳи ҳақ»

**Мутарҷим**: Зарринтоҷ

**Таҳиякунанда**: Муовинати фарҳангии Маҷмаи ҷаҳонии «Аҳлибайт», идораи тарҷума

**Адади нашр**: 3000

**Навбати чоп**: Аввал

**Таърихи чоп**: соли 2008

**Ношир**: Маҷмаи ҷаҳонии «Аҳлибайт»

**Чопхона**: Исроъ

ISBN: 978-964-529-212-4

www.ahlul-bayt.org

info@ahlul-bayt.org

**RIGHTS RESERVED FOR**
**THE AHL AL-BAYT (‘A) WORLD ASSEMBLY**

## Сарсухан

***Бисмиллоҳир-Раҳмонир-Раҳим***

Аҳли Байт алайҳимуссалом мероси гаронбаҳое аз худ боқӣ гузоштаанд, ки пайравонашон онро аз хатари нобудӣ ҳифз намудаанд. Ин намунаи фарогири як мактабе аст, ки шохаҳои мухталифи маърифати исломиро дар бар дошта ва тавониста аст ашхоси зиёди тавонмандеро барои сероб шудан аз ин чашмаи ҷӯшон, парвариш ва тақдими уммати исломӣ намояд.

Ин донишмандон бо пайравӣ аз Аҳли Байти Паёмбар(с) дар мақоми посухгӯӣ ба дасисаҳо ва шубҳаҳои воридшуда аз сӯи мазҳабҳо ва ҷараёнҳои фикрии дохил ва хориҷи ҷомеаи исломӣ баромада, дар давоми қарнҳои гузашта пешниҳодкунандаи матинтарин посуххо ва роҳи ҳалҳо барои ин шубҳаҳо буда ва ҳастанд.

Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а) бар асоси масъулиятҳои бар гардан гирифтаи худ ба дифоъ аз ҳарими рисолат ва эътиқодоти ҳақиқии он; ҳақоиқе, ки арбоби фирқаҳо, мазҳабҳо ва асҳоби ҷараёнҳои мухолифи Ислом пайваста дар мухолифат бо он кӯшиш ба харҷ додаанд, камари ҳиммат баста аст. Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а) худро дар ин роҳи муқаддас пайрави шогирдони ростини мактаби Аҳлибайт(а) медонад; ҳамон, ки ҳамвора барои радди ин иттиҳомоти давомдор омодагӣ дошта ва кӯшиш намудаанд мутобиқ бо зарурати ҳар асру замон дар сафи пеши ин мубориза боқӣ монанд.

Таҷрибаҳое, ки дар ин замина дар китобҳои донишмандони мактаби Аҳлибайт(а) захира шудаанд, дар навъи худ беназир мебошанд. Зеро ин таҷрибаҳо аз дастовардҳои илмӣ бар асоси ҳокимияти ақл, истидлол, дурӣ аз ҳавою ҳавас ва таассуби кӯркӯрона бархурдор буда, мутахассисон ва соҳибони андешаро чунон мавриди хитоб қарор медиҳад, ки ақли солим ва фитрати поки инсон пазирои он бошад.

Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а) кӯшида аст, то марҳалаи наве аз ин таҷрибаҳои арзишмандро дар маҷмӯае аз таҳқиқот ва таълифоти муаллифони муосир аз мактаби Аҳлибайт(а) барои ташнагони ҳақиқат қарор диҳад.

Ин Маҷмаъ ҳамчунин иқдом ба таҳқиқ ва нашри таълифоти судманди гузаштагон ва шахсиятҳои барҷастаи пайравони ин мактаб намудааст, то ин манобеъ низ ташнагони ҳақиқатро чашмаи гуворое бошад, то дар асри такомули босуръати ақлҳо гӯши ҷони худро бар ҳақоиқе, ки Аҳли Байти рисолат(а) барои ҳамаи ҷаҳониён ба армуғон овардаанд, бикушоянд.

Умедворем хонандагони мӯҳтарам бо пешниҳоди назарияҳо ва пешниҳодҳои арзишманд ва интиқодҳои созандаи худ Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а)-ро дар ин замина бонасиб гардонанд.

Ҳамчунин аз соири муассисаҳо, донишмандон ва тарҷумонҳо даъват мекунем, то дар нашри фарҳанги Исломи ноби Муҳаммадӣ(с) моро ёрӣ намоянд.

Аз Худованди мутаол мехоҳем ин талоши ночизро аз мо қабул намуда, талоши моро зери сояи ҷонишини худ дар замин ҳазрати Маҳдӣ (Худованд зуҳурашро наздик гардонад) рӯзафзунтар созад.

*Муовинати фарҳангии*
*Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт (а)*

# Пешвои ҳафтум ҳазрати Имом Мӯсо ибни Ҷаъфар (а)

## Ҳикояти валодат

Дар он ҳангоми ғурубгоҳон, ки сари шохаҳои сарфарози нахл ба навозиши насим сар худро буни гӯши якдигар мениҳанд, суруди ҳамосаи ороми зиндагонии туро наҷво мекунанд ва паёми бедодҳо, ки бар ту рафтааст бо насими паёмовар мегузоранд...

Он ҳангом дар баҳорон, ки буғзи аламзада ва гирифтаи осмон метаркад ва рагбори[1] сиришки абр сарозер мешавад, ин ашки андӯҳи пайравони ситамкашидаи туст, ки ба паҳнои гунаи таърих бар ту гиристааст... Оҳ эй Имоми ростин ва бузург!

Пардаҳои ғафси ашк моро аз дидани ҳамосаи муқовимату пойдорӣ ва саранҷом ҷонсупории ту дар роҳи ҳақ боз нахоҳад дошт.

Агар бар ту мегирям, истода мегирям, то истодагии туро сипос гуфта бошам ва ҳамроҳи таърих ва ҳастӣ пеши пои муқовими ту ба эҳтиром бархоста бошем.

---

[1] Борони сел, борони сахт.



Поктарин дуруд аз зеботарин ва шуҷоътарин ҷойгоҳи диламон бар ту бод! Ҳамеша то ҳар замон...

Деҳаи Абво[1] он рӯз субҳ[2] ба назар дигаргун менамуд, партави офтоб нахлҳои сарбаландро то камар тиллоӣ карда ва сояҳои дароз рӯи бомҳои гилии деҳа андохта буд.

Овози шутурон ва садои гӯсфандоне, ки пешопеши чӯпонон омодаи рафтан ба саҳро буданд, решаи нишоти субҳгоҳиро дар дил мекошт ва гӯшро аз овои зиндагӣ пур мекард.

Канори деҳа обанбор ва ҳавзе, ки занон аз зулоли ороми он об бармедоштанд, инак насими навозишгар аз гузаштани ороми худ мавҷ меафканад ва чанд парасту шитобноку пурнишот аз рӯи он ба ин сӯю он сӯ мепариданд. Ҳар чанд вақт ин парастуҳо синаи сурхи хешро, ки гӯӣ аз тасфи гармии сиҷҷили “Омулфил”[3] ҳанӯз доғ буд, ба об мезаданд.

Каме онсӯтар таги нахле, чатри сабзу баланд худро бар гӯре афшонда буд ва зане дар он субҳгоҳ бар он хам шуда бо эҳтирому ҳашамат бӯса бар хоки он мезад ва ором-ором гиря мекард ва зери лаб чизҳое мегуфт. Аз каломи ӯ

---

[1] Деҳаест байни Мадина ва Макка.

[2] Субҳи рӯзи ҳафтуми моҳи Сафар, саду бисту ҳашт соли қамарӣ пас аз ҳиҷрат.

[3] Ишора ба сураи “Фил”, ояти: “Ва арсала алайҳим тайран абобила, тармиҳим биҳиҷоратин мин сиҷҷил”.

он чӣ насим бо худ меовард, гӯӣ ин калимаҳо ва ҷумлаҳо шунида мешуд:

- Дуруд бар ту Омина! Эй модари гиромии Паёмбар! Худо туро, ки дур аз зодгоҳи хеш аз дунё рафтӣ, бо раҳмати худ ҳамроҳ кунад.

Инак ман Ҳамида - арӯси туам, кӯдаке аз сулолаи фарзанди туро дар шикам дорам. Бо дарде, ки аз шомгоҳи дирӯз мекашам гумон мебарам, ки имрӯз ин кӯдаки хуҷастаро дар ин деҳа дар канори қабри ту ба дунё оварам.

Оҳ, эй бонуи бузурги хуфта дар хоб! Шавҳарам ба ман фармудаст, ки ин фарзанди ман ҳафтумин ҷонишини фарзандат Паёмбар хоҳад буд.

Бонуи ман! Аз Худованд бихоҳед, ки фарзандамро солим ба дунё оварам. Офтоби субҳ аз сари шохаҳои ягона нахли рӯида бар он гӯр, поин омада ва ба хок афтода буд.

Ҳамида вазнин ва боҳашамат бархост ва пушти либоси худро, ки аз хоки гӯр ғуборолуд шуда буд, афшонд. Ӯ як дасташро рӯи шикам гузошт ва ба гунае, ки занони ҳомиладор роҳ мераванд, вазин, боэҳтиёт ва ором ба деҳа баргашт...

Соате баъд, ҳангоме ки офтоб дар осмон баланд шуда буд ва кабутарони деҳа дар чашмаи нури он дар осмони шаффофи Абво болу пар мешустанд, овози ҳал-ҳалаи шодмона аз деҳа ба фазо бархост. Хаёли ман аз канори ҳавз медид, ки бархе занон аз кӯчаҳои деҳа шитобону шодмона ба ин сӯю он сӯ медавиданд.



Оҳ, он ду зане, ки бо зарфҳои сафолини калон шитобон ба канори ҳавз меоянд, то об бардоранд...

Хаёли ман гӯш мехобонад, то аз хабари нав огоҳ шавад:

-... Хоҳар, мегӯянд Имом Содиқ(а) пас аз огоҳӣ аз валодати кӯдакашон фармуданд:

***“Пешвои баъд аз ман ва беҳтарин офаридаи Худованд таваллуд шуд...”.***[1]

- Оё нафаҳмидӣ, ки номашро чӣ гузоштаанд?

- Фикр кунам ҳатто пеш аз таваллуд, ӯро Мӯсо ном гузошта буданд.

Чашми хаёли ман беихтиёр ба он тарафи ҳавз дар саҳро ба чӯпоне афтод, ки бехабар аз он чӣ дар ин деҳа рух додааст, гӯсфандонро бо асои чӯпонии худ ба пеш меронад…

Як лаҳза хаёлам гумон бурд, ки чӯпон Мӯсо аст ва он ҷо саҳрои Сино ва аз хаёлам гузашт: ин Мӯсои навтаваллуд магар дар муқобила бо кадом фиръавни замон ба дунё омадааст?!

## Имом ва ҳукумати Аббосиён

Имом Мӯсо ибни Ҷаъфари Козим чаҳор сола буданд, ки ҳукумати ҷобиронаи Умавиён аз байн рафт.

Сиёсати арабзадагии Умавиён, ғоратгарӣ, зӯру ситам, равишҳои зиддиэронии ҳукуматашон

[1] “Кофӣ” ҷ.1, саҳ.476

мардум ва бахусус эрониёнро, ки хостори таҷдиди ҳукумати додхоҳонаи исломи ростин, бахусус дар давраи хилофати кӯтоҳи ҳазрати Алӣ(а) буданд, бар зидди Умавиён барангехт. Дар ин миён коргузорони сиёсии вақт аз ин гароиши мардум, хусусан эрониён ба Оли Алӣ(а) ва ҳукумати аливор сӯиистифода карданд. Онҳо ба номи расондани ҳақ ба ҳақдор, Умавиёнро ба кӯмаки Абӯмуслими Хуросонӣ барканор карданд. Аммо ба ҷои имоми шашум Ҷаъфар ибни Муҳаммади Содиқ(а), ки сазовори хилофат буд, Абулаббос Саффоҳи Аббосиро бар тахти хилофат шинонданд.

Ҳамин тавр як силсилаи нави подшоҳӣ дар либоси хилофат ва ҷонишинии паёмбар дар соли 132-и ҳиҷрии қамарӣ рӯи кор омад. Ин ҳукумат на танҳо дар ситам, дурӯягӣ ва бединӣ ҳеҷ аз Умавиён камӣ надоштанд, балки дар бисёре аз ин ҷиҳатҳо аз онон низ пеш афтоданд.

Тафовут дар ин буд, ки агар Умавиён дер напоиданд, инон то соли 656-и ҳиҷрии қамарӣ, яъне 524 сол дар Бағдод ба ҳамин услуб бар мардум салтанат карданд, на хилофат.

Хулосаи калом, пешвои ҳафтум дар давраи умри хеш, хилофати Абулаббоси Саффоҳ, Мансури Давониқӣ, Ҳодӣ, Маҳдӣ ва Ҳорунро бо ҳамаи ситамҳо, азобҳо ва фишори онҳо дарёфтанд.



Барои оинаи ҷони имом танҳо ғубори нафаси аҳриманиии ин палидони ҷоҳил кофӣ буд, то зангор ғам гирад ва ба тирагии андӯҳ нишинад. чӣ расад ба ин ки ҳар як аз инон аз Мансур то Ҳорун ситамҳои зиёде бар пайкару рӯҳи он азиз карданд ва ҳарчи накарданд, натавонистанд, на ин ки нахостанд.

Абулаббоси Саффоҳ дар соли 136 вафот кард ва бародараш Мансури Давониқӣ ба ҷои ӯ ба тахт нишаст. Ӯ шаҳри Бағдодро бино кард, Абӯмуслимро кушт ва чун хилофаташ то андозае мустаҳкам шуд, аз куштан, ҳабс ва шиканҷаи фарзандони Алӣ ва мусодираи молу мулки онон лаҳзае наёсуд. Ағлаби бузургони ин хонадон ва дар раъси ҳамаи онҳо ҳазрати Имом Содиқ(а)-ро аз байн бурд. Саффоҳ марди хунрез, маккор, бисёр ҳасуд, бахил, ҳарис ва бевафо буд. Бевафоии ӯ дар мавриди Абӯмуслим, ки бо як умр ҷонкандан ӯро ба хилофат расонда буд, дар таърих зарбулмасал аст.

Ҳангоме ки падари бузургвори Имом Козимро шаҳид кард, он ҳазрат 20-сола буд. Имом Козим(а) то сисолагӣ бо ҳукумати тангу тори Мансур дар ситез буд ва махфиёна шиаёни хешро сомон медод ва ба умури онон расидагӣ мекард.

Мансур дар соли 158 ҳалок шуд ва ҳукумат ба писараш Маҳдӣ расид. Сиёсати Маҳдии Аббосӣ, сиёсати мардумфиребӣ ва маккорона буд.

Зиндониёни сиёсии падарашро, ки бештар шиаёни Имом Козим буданд ба ҷуз иддаи каме озод кард ва амволи мусодирашудаи ононро баргардонд. Аммо ҳамчунон муроқиби рафтори онон буд ва дар дил ба эшон сахт душманӣ меварзид. Мансур ба шоироне, ки Оли Алиро ҳаҷв мекарданд тӯҳфаҳо медод, аз ҷумла боре ба Башшор ибни Бурад ҳафтод ҳазор дирҳам ва ба Марвон ибни Абӯҳафс сад ҳазор дирҳам дод.

Дар харҷи байтулмоли мусулмонон, айшу нӯш, шаробхорагӣ ва занбозӣ дасти кушоде дошт.

Ӯ дар хонадоркунии писараш Ҳорун панҷоҳ миллион дирҳам харҷ кард.[1]

Шӯҳрати Имом дар замони Маҳдӣ боло гирифт ва чун моҳи тамом дар осмони фазилат, тақво, дониш ва раҳбарӣ медурахшид. Мардум гурӯҳ- гурӯҳ пинҳонӣ ба ҳазрат рӯй меоварданд ва аз он сарчашмаи файзи азалӣ ташнагии маънавии хешро мешикастанд.

Коргарони ҷосусии Маҳдӣ ҳамаи инро ба ӯ гузориш мекарданд. Маҳдӣ бар хилофати худ бимнок шуд ва дастур дод, ки имомро аз Мадина ба Бағдод оваранд ва ҳабс намоянд.

Абӯхолиди Зуболаӣ нақл мекунад:

[1] "Ҳаётул-имом" ҷ.1, саҳ.439-445.



"... Дар паи ин фармон маъмуроне, ки ба Мадина барои овардани он ҳазрат рафта буданд, ҳангоми баргаштан дар Зубола бо он ҳазрат ба манзили ман омаданд.

Имом дар фурсати кӯтоҳ, дур аз чашми маъмурон ба ман дастур доданд, ки баъзе аз чизҳо барои эшон харидорӣ кунам. Ман сахт андӯҳгин будам ва ба эшон арз кардам:

- Аз ин ки сӯи ин хуношом меравед, бар ҷони шумо бим дорам. Ҳазрат фармуданд: "Маро аз ӯ боке нест, ту дар фалон рӯз, дар фалон маҳал мунтазири ман бош".

Он гиромӣ ба Бағдод рафтанд ва ман бо изтироби бисёр рӯзшуморӣ мекардам. Оқибат он рӯз расид ва ба ҳамон макон, ки фармуда буданд, шитофтам. Дилам чун сирка меҷӯшид, ба камтарин овоз аз ҷо меҷастам ва испандвор бар оташи интизор месӯхтам. Кам-кам уфуқ хунранг мешуд ва хуршед ба зиндони шаб меафтод. Ногаҳон дидам, ки аз дур шабаҳе ҳувайдо шуд, дилам мехост парвоз кунам ва ба сӯяшон биштобам, аммо бим доштам, ки эшон набошанд ва рози ман ошкор шавад.

Дар ҷой мондам. Имом(а) наздик шуданд, дарҳоле ки савори нахчир буданд. Вақте чашми равшанбини азизашон ба ман афтод, фармуданд:

- Абӯхолид, шак макун,... ва идома доданд:

**-** Баъдҳо маро дубора ба Бағдод хоҳанд бурд ва он бор дигар боз нахоҳам гашт. Дареғо, ки ҳамон гуна шуд, ки он бузург фармуда буданд...”.[1]

Дар ҳамин сафар вақте Маҳдӣ Имомро ба Бағдод овард ва зиндонӣ кард, ҳазрати Алӣ ибни Абӯтолибро дар хоб дид, ки хитоб ба ӯ ин оятро мехонанд:

**«Фаҳал асайтум ин таваллайтум ан туфсиду фил арзи ва туқаттиъу арҳомакум»**.

***Оё аз шумо интизор меравад, ки агар ҳоким гардед, дар замин фасод кунед ва қатъи раҳим намоед!***[2]

Рабиъ мегӯяд:

Нимашаб Маҳдӣ бароям одам фиристод, то наздаш ҳозир шавам. Сахт тарсидам ва зуд наздаш шитофтам ва дидам, ки ояти “Фаҳал асайтум...” –ро мехонад.

Сипас, ӯ ба ман гуфт, ки бирав Мӯсо ибни Ҷаъфарро аз зиндон пеши ман биёвар. Рафтам ва овардам. Маҳдӣ бархост ва бо имом рӯбӯсӣ кард ва ӯро назди худ нишонд ва ҷараёни хоби хешро барои эшон гуфт.

Сипас ҳамон лаҳза дастур дод, ки он гиромиро ба Мадина баргардонанд. Рабиъ мегӯяд: “Аз

[1] “Биҳоруланвор” ҷ.48, саҳ.71, 72. “Эъломулваро” саҳ.295 бо андаке тафовут.

[2] Сураи “Муҳаммад”(с), ояти 22.



бими он ки монеае пеш ояд, ҳамон шаб васоили ҳаракати Имомро фароҳам сохтам ва бомдод он гиромӣ дар роҳи Мадина буд...”[1]

Имом дар Мадина бо вуҷуди муроқибатҳои шадиди дарбори Аббосӣ ба иршоди халқ, таълим ва омода сохтани шиаён машғул буд... Ин ҳол то соли 169, ки Маҳдӣ ҳалок шуд ва писараш Ҳодӣ ба ҷои ӯ ба тахти салтанат нишаст, давом ёфт.

Ҳодӣ бар хилофи падараш, демократияро ҳам риоя намекард. Ӯ ошкор бо фарзандони Алӣ мубориза мебурд ва ҳатто он чӣ падараш ба онҳо дода буд, ҳамаро бозпас гирифт ва ё қатъ кард.

Нангинтарин сиёҳкории ӯ фоҷиаи ҷонгудози Фах буд.

### Фоҷиаи Фах

Ҳусайн ибни Алӣ аз алавиёни Мадина буд. Ӯ вақте аз ҳукумати Аббосиён ва ситами бисёри онон ба ҷон омад, ба розигии Имом Мӯсои Козим (а) бар зидди Ҳодӣ қиём кард.[2] Ҳусайн бо гурӯҳе, ки тақрибан 300 нафар буд, аз Мадина ба сӯи Макка роҳ афтод.

Сипоҳиёни Ҳодӣ дар маҳалле, ки Фах ном дошт ӯро муҳосира ва ҳамроҳ бо сипоҳиёнаш шаҳид карданд. Ин фоҷиа монанди фоҷиаи

[1] “Таърихи Бағдод” ҷ.13, саҳ.30-31.

[2] “Мақотилуттолибийин”, саҳ.447.

Карбало буд. Онон сари ҳамаи шаҳидонро буриданд ва ба Мадина оварданд. Дар маҷлисе, ки гурӯҳе аз фарзандони Имом Алӣ (а), аз ҷумла ҳазрати Имом Козим ҳузур доштанд, сарҳоро дар маърази тамошо гузоштанд. Ҳеҷ кас чизе нагуфт, ҷуз Имом Козим (а), ки вақте сари Ҳусайн ибни Алӣ - раҳбари қиёми Фахро диданд, фармуданд:

**«Инно лиллоҳи ва инно илайҳи роҷиъун, мазо валлоҳи муслиман, солиҳан, саввоман, қаввоман, омиран билмаъруфи, ва ноҳиян анилмункари, мо кона фи аҳли байтиҳи мислиҳи»**.

> ***Аз Худовандем ва ба сӯи ӯ боз мегардем, савганд ба Худо, ки ба шаҳодат расид, дар ҳоле ки мусулмону дурусткор буд ва бисёр рӯза мегирифту зиёд шабзиндадор буд ва амр ба маъруфу наҳй аз мункар мекард, дар хонадони вай чун ӯ вуҷуд надошт".[1]***

Ҳодӣ, гузашта аз ахлоқи сиёсӣ аз ҷиҳати хислатҳои фардӣ низ марди фисқпараст, шаробхор ва хушгузарон буд.

Боре ба Юсуфи Сайқал ба хотири чанд байт шеъре, ки бо овози хуш хонда буд, ба андозаи бори як шутур дирҳаму динор дод.[2]

---

[1] "Мақотилуттолибийин", саҳ.453, чопи Миср.

[2] "Таърихи Табарӣ", ҷ.10, саҳ.592.



Ибни Даъби Номӣ мегӯяд:

> ***Рӯзе назди Ҳодӣ рафтам, чашмонаш аз асари шаробхорию бедорӣ сурх шуда буд. Ӯ аз ман қиссае дар мавриди шароб хост, барояш ба шеър гуфтам. Ҳодӣ шеърҳоро ёддошт кард ва чил ҳазор дирҳам ба ман дод.[1]***

Исҳоқи Мусилӣ - мусиқидони маъруфи араб мегӯяд:

> ***"Агар Ҳодӣ зинда мемонд, мо девори хонаҳоямонро аз тилло месохтем".[2]***

Хулоса, Ҳодӣ дар соли 170 аз дунё чашм пӯшид ва Ҳорун подшоҳи Ислом шуд![3]

Дар ин замон ҳазрати Имом Мӯсои Козим чилу дусола буданд. Даврони Ҳорун авҷи иқтидор, ғоратгарӣ, дуздӣ ва комравоии Аббосиён буд.

Ҳорун дар поёни маросими байъат Яҳёи Бармакӣ (аз эрониёне, ки ба вазирии подшоҳ рафта буданд)-ро ба вазорати хеш баргузид ва ба ӯ ихтиёри тому мутлақ дар идораи ҳамаи корҳо ва таъину барканоркунии ҳар касро дода буд ва ба расми он замон Ҳорун ба унвони пуштибонии

---

[1] "Таърихи Табарӣ", ҷ.10, саҳ.593.

[2] "Ҳаётул-имом", ҷ.1, саҳ.458.

[3] "Таърихи Яъқубӣ", ҷ.2, саҳ.405, чопи Бейрут

ин ихтиёр, ангуштари хешро ба ӯ дод.[1] Ҳорун худ ба талаю тороҷи байтулмол дар шаробхорӣ, занбозӣ, хариди ҷавоҳирот ва лаҳву лаъб (бозиҳои беҳуда) машғул шуд. Даромади байтулмол дар он замон, ки гӯсфанди ду ё чаҳорсоларо ба як дирҳам мефурӯхтанд, панҷсад миллиону дусаду чил ҳазор дирҳам буд.[2] Ҳорун даст ба харҷи ин даромад кушод ва ба шоире, ки Ашҷаъ ном дошт, ба ивази мадҳияе, ки барои ӯ суруда буд, як миллион дирҳам дод.[3] Инчунин ба Абулатоҳияи шоир ва Иброҳими Мусилии мусиқидон ба хотири чанд байт шеър ва қадре созу овоз ба ҳар як сад ҳазор дирҳам ва сад даст либос дод.[4]

Дар қасри Ҳорун гурӯҳи зиёде аз занони хушовоз ва сознавоз фароҳам омада буданд ва анвоу ақсоми созҳои мусиқии он замон дар он ҷо вуҷуд дошт.[5] Ҳорун ба ҷавоҳирот алоқаи беандозае дошт ва боре барои хариди як ангуштар сад ҳазор динор пардохт.[6]

[1] "Таърихи Табарӣ" ҷ.10, саҳ.306.
[2] "Ҳаётул-имом" ҷ.2, саҳ.29.
[3] "Ҳаётул-имом" ҷ.2, саҳ.39.
[4] "Ҳаётул-имом" ҷ.2, саҳ.32.
[5] "Ҳаётул-имом" ҷ.2, саҳ.62.
[6] "Ал-имомату вас-сиёса" ҷ.2.



Ҳар рӯз даҳ ҳазор дирҳам харҷи ошпазхонааш буд ва гоҳ то сӣ навъ таом барояш дуруст мекарданд.[1]

Рӯзе Ҳорун аз гӯшти шутур таоме хост. Вақте таомро барояш оварданд, Ҷаъфари Бармакӣ гуфт:

- Оё халифа медонанд, ки ин таоме, ки барояшон овардаанд, чӣ миқдор харҷ доштааст?

- Се дирҳам…

- Не, ба худо, чаҳор ҳазор дирҳам то кунун харҷ кардаанд, зеро муддатҳост, ки ҳар рӯз шутуре мекушанд то агар халифа майл ба гӯшти шутур фармуданд, омода бошад![2]

Ҳорун қиморбозӣ ҳам мекард ва бода низ бисёр менӯшид, ҳатто дар ҷамъи ҳозирон ва бо онон.[3] Ӯ аз сари авомфиребӣ худро пойбанди Ислом медонист: аъмоли ҳаҷро анҷом медод, гоҳ ба бархе аз воизон мегуфт, ки ӯро мавъиза кунанд ва мегирист...

**Мавзеъгириҳои Имом (а)**

Ҳорун аз сарсахтии оли Алӣ дар баробари ҳукумати Аббосиён сахт ранҷ мебурд. Аз ин рӯ ӯ аз ҳар роҳе, ки мумкин мешуд, мекӯшид то ононро саркӯб кунад ва обрӯи ононро дар ҷомеа

[1] "Ҳаётул-имом" ҷ.2, саҳ.39.
[2] "Ҳаётул-имом" ҷ.2, саҳ.40.
[3] "Ҳаётул-имом" ҷ.2, саҳ.70.

ночиз созад. Ҳорун пулҳои зиёде ба шоирони худфурӯхтаи маддоҳи дарборӣ медод то оли Алиро ҳаҷв кунанд. Аз ҷумла, барои Мансури Намарӣ дар ивази қасидае, ки дар ҳаҷви оли Алӣ суруда буд, фармон дод, ки ӯро ба хазинаи байтулмол баранд то ҳар чӣ мехоҳад бардорад.[1]

Ҳамаи алавиёни Бағдодро ба Мадина бадарға кард ва гурӯҳи бисёре аз ононро ба қатл расонд ва ё заҳр дод.[2]

Аз истиқболи мардум ба қабри ҳазрати Имом Ҳусайн (а) ранҷ мебурд ва фармон дод то қабру хонаҳои гирду атрофи онро вайрон карда, дарахти сидреро, ки канори он мазори пок рӯида буд решакан намоянд.[3]

Паёмбари Ислом(с) пештар се бор фармуда буд:

> ***“Худо лаънат кунад касеро, ки дарахти сидрро қатъ мекунад.[4]***

Шаке нест, ки ҳазрати Имом Мӯсои Козим(а) наметавонистанд бо чунин ҳукумати чунин шахси табоҳкор, номусулмон, ситампеша ва падарони ӯ мувофиқ бошанд. Агар ҳазрат ба қиёми Фах ризоият медиҳанд аз ин ҷиҳат аст, ки

[1] “Ҳаётул-имом” ҷ.2, саҳ.77.

[2] “Мақотилуттолибийин” саҳ.463-497.

[3] “Амолӣ”-и Тӯсӣ саҳ.206, чопи сангӣ.

[4] “Амолӣ”-и Тӯсӣ саҳ.206, чопи сангӣ.



бо шиаёни худ доимо дар тамоси махфӣ буданд ва мавзеи ҳар якро фард-фард дар муқобила бо ҳукумати ҷобири вақт таъин мекарданд. Имом Козим(а) ба Сафвон ибни Меҳрон, ки аз ёронашон буд, мефармуданд:

- Ту аз ҳама ҷиҳат некӯ ҳастӣ, ҷуз ин ки шутуронатро ба Ҳорун кироя медиҳӣ.

Арз кард:

- Барои сафари ҳаҷ кироя медиҳам ва худам ҳам аз паси шутурон намеравам.

Фармуд:

- Оё ба ҳамин хотир ботинан дӯст надорӣ, ки Ҳорун ҳадди ақал то бозгашт аз Макка зинда бимонад то шутуронат ҳайфу нобуд нашаванд ва кирояи туро бипардозад?

Арз кард:

- Дӯст дорам.

Фармуд:

- Касе, ки тарафдори бақои ситамкорон бошад, аз онон ба шумор меравад.[1]

Агар ҳазрат гоҳ ба бархе аз пайравони худ иҷозат медоданд, ки шуғлҳои худро бар дастгоҳи ҳукумати Ҳорун ҳифз кунанд, аз ҷиҳати сиёсӣ чунин салоҳ медонистанд. Инро ба касоне тавсия мекарданд, ки дар он ҳукумати ваҳшат, террор ва

[1] “Риҷол”-и Кашшӣ саҳ.440-441. Падари гиромии он ҳазрат Имом Содиқ (а) низ ба Юнус ибни Яъқуб мегӯянд: “Инонро дар бинои масҷид ҳам ёрӣ накун”, “Васоил” ҷ.12, саҳ.120-130

зулму тааддӣ вуҷудашон барои ҷамъияти шиа муфид буда, ба василаи онон аз бархе ҳилаву найрангҳои ҳукумат бар зидди алавиён огоҳ мешаванд. Барои мисол Алӣ ибни Яқтин вақте мехост аз мансаби худ дар дарбори Ҳорун истеъфо диҳад, ҳазрати Имом Козим(а) иҷозат надоданд. Ҳазрат ба ҳеҷ ваҷҳ бо ин ситамгарон дар як ҷо ҷамъ намеомаданд, ҳатто ҳангоме ки дар чанголи ситами онон гирифтор мешуданд:

Рӯзе аз рӯзҳои дар ҳабс будани имом, Ҳорун Яҳё ибни Холидро ба зиндон фиристод, ки Мӯсо ибни Ҷаъфар агар тақозои авф кунад ӯро озод мекунам, имом қабул накарданд.[1]

Имом (а) ҳатто дар бадтарин вазъи гирифторӣ далерӣ, шуҷоат, рафтори пурҳамосаю ситезагар ва оштинопазири худро аз даст намедоданд. Агар дар номае, ки ҳазрат боре аз зиндон ба Ҳорун навиштаанд, бо диққат нигоҳ кунед, пай мебаред, ки чӣ қадар шукӯҳи далерӣ, ҷавонмардӣ, имон ба ақида ва ҳадаф аз он ба чашм мерасад:

> ***“... Ҳеҷ рӯз дар сахтӣ ба ман намегузарад магар, ки бар ту ҳамон рӯз дар осоишу рифоҳ мегузарад. Аммо омода бош то ҳарду раҳсипори рӯзе шавем, ки***

[1] “Ғайбат”-и Тӯсӣ саҳ.21.



> ***поёне надорад ва табаҳкорон дар он рӯз зиёнкоранд...”***[1]

Оре, ба ин хотир аст, ки Ҳорун наметавонад вуҷуди имомро таҳаммул кунад. Соддалавҳона аст, агар бовар дошта бошем, ки Ҳорун танҳо аз ин ҷиҳат, ки ба мақоми маънавии Имом(а) дар дили мардум ҳасодат мекард, ӯро ба зиндон афканд.

Ҳорун аз тамоси махфӣ ва давомдори шиаёни он гиромӣ бо он Ҳазрат, тавассути коргузорони дастгоҳҳои амниятии худ комилан огоҳ шуда буд ва ҳам медонист, ки агар Имом(а) ҳар лаҳза заминаро омода биёбанд, ба қиёми худ ва ё бо дастури қиём ба ёрони худ, ҳукумати ӯро сарнагун хоҳанд намуд. Ӯ пай мебурд ва шоҳиди он буд, ки ин рӯҳияи ҷасурона камтарин миқдори созишкорӣ дар решаи вуҷудаш ёфт намешавад ва агар чанд рӯз зоҳиран даст рӯи даст гузоштааст, ин сукут нест, балки таваққуфи тактикӣ аст барои зарбагоҳи муносиб. Пас ӯ пешдастӣ мекунад ва дар ниҳояти авомфиребӣ ва беҳаёию бешармӣ дар баробари қабри паёмбар меистад ва бе он ки аз ғасби хилофат, ситамҳои хеш, хӯрдани амволи мардум ва табдили дастгоҳи хилофат ба салтанат шарм кунад, хитоб ба Паёмбар(с) мегӯяд:

[1] “Таърихи Бағдод” ҷ.13, саҳ.32.

***“Ё Расулаллоҳ, аз қасде, ки дар мавриди фарзандат Мӯсо ибни Ҷаъфар дорам узр мехоҳам. Ман ботинан намехоҳам эшонро зиндонӣ кунам, аммо чун метарсам байни уммати ту ҷанг воқеъ шавад ва хун рехта гардад, ин корро мекунам!!”***

Он гоҳ Ҳорун дастур медиҳад он гиромиро, ки дар он ҷо дар канори қабри паёмбар машғули намоз буд, дастгир кунанд ва ба Басра бурда, зиндонӣ кунанд.

Имом як сол дар зиндони Исо ибни Ҷаъфар, ки волии Басра буд, ҳаёташро гузаронд. Хислатҳои барҷастаи он гиромӣ чунон дар Исо ибни Ҷаъфар таъсир гузошта буд, ки ӯ ба Ҳорун навишт:

***“Ӯро аз ман бигир, вагарна озодаш хоҳам кард”.***

Ба дастури Ҳорун он бузургворро ба Бағдод бурданд ва назди Фазл ибни Рабиъ маҳбус сохтанд. Паз аз чанд вақт ба Фазл ибни Яҳё супорида шуд ва назди ӯ зиндонӣ буд ва саранҷом ба зиндони Синдӣ ибни Шоҳак мунтақил шуд.

Иллати ин интиқолҳо он буд, ки Ҳорун ҳар бор аз зиндонбонҳои он бузургвор мехост то имомро аз миён бардоранд, аммо ҳеҷ як аз зиндонбонони ӯ тан ба ин кор надоданд. Оқибат, ба ишорати Ҳорун ин ҷаллоди охирин, яъне Синдӣ ибни Шоҳак он азизро заҳролуд кард. Қабл аз даргузашти Ҳазрат, Ҳорун шахсиятҳои маъруфро ҳозир сохт, то гувоҳӣ диҳанд, ки ҳазрати Мӯсои Козим мавриди сӯиқасд қарор нагирифта ва бо марги табиӣ аз дунё меравад. Ҳорун бо ин ҳила мехост ҳукумати Аббосиро аз қатли он бузургвор бегуноҳ ҷилва диҳад ва инчунин пеши шӯриши эҳтимолии ҳаводорони он имомро бигирад.[1]



Аммо ҳушёрию далерии Имом(а) ононро расво кард. Вақте ки шоҳидон ба он ҳазрат менигаристанд, эшон бо вуҷуди заҳролудии шадид ва бадии аҳволу заъфи ҳол ба шоҳидон фармуданд:

***“Маро ба василаи нӯҳ адад хурмо заҳролуд сохтаанд, баданам пагоҳ сабз хоҳад шуд ва фардо аз дунё хоҳам рафт”.***[2]

Ва чунин шуд, ки он бузургвор хабар дода буданд.

Ду рӯз баъд 25-уми моҳи раҷаби соли 183-и ҳиҷрии қамарӣ[3] осмону замин ба суги мотам нишаст ва инчунин ҳамаи аҳли имон ва бахусус шиаён, ки роҳбари ростини хешро аз даст дода буданд.

Инак хитоб ба он шаҳиди бузург мегӯем:

---

[1] “Ғайбат”-и Тӯсӣ саҳ.22-25.

[2] “Уйуну ахборир-Ризо” ҷ.1, саҳ.97.

[3] “Кофӣ” ҷ.1, саҳ.486. “Анворулбаҳия” саҳ.97.

Он ҳангом дар ғурубгоҳон, ки саршохаҳои сарафрози нахл ба навозиши насим сар буни гӯши якдигар менихҳанд, суруди ҳамосаи ороми зиндагонии туро наҷво мекунанд ва паёми бедодҳо, ки бар ту рафтааст бо насими паёмовар мегузоранд.

Он ҳангом дар баҳорон, ки буғзи андӯҳ ва гирифтаи осмон метаркад ва рагбори (борон) сиришки абр сарозер мешавад, ин ашки андӯҳи пайравони ситамкашидаи туст, ки ба паҳнои гунаи таърих бар ту гиристаанд…

Оҳ, эй имоми ростин ва бузург! Пардаҳои ғафси сиришк, моро аз дидани ҳамосаи муқовимат, пойдорӣ ва саранҷом ҷонсупории ту дар роҳи ҳақ боз нахоҳад дошт. Агар бар ту ашк мерезем, истода гиря мекунем то истодагии туро дар баробари душман сипос гуфта ва ба ҳамроҳи таърих ва ҳастӣ пеши пои муқовими ту ба эҳтиром бархоста бошем.

Поктарин дуруд аз зеботарин ва шуҷоъатарин ҷойгоҳи диламон бар ту бод, ҳамеша ва то абад...

## Мунозираҳо ва гуфтугӯҳои илмӣ

Имомони гиромии мо бо дониши илоҳие, ки доштанд дар мавриди ҳар саволе, ки аз онон мешуд посухи дуруст, комил ва дар ҳадди фаҳми пурсишгар медоданд. Ҳар кас, ҳатто душманон вақте бо онон ба исботу далел ва гуфтугӯи илмӣ менишастанд, бо эътироф ба нотавонии худ ва



қудрати андешаи густурда ва иҳотаи комили имомон бармехостанд.

Ҳорунаррашид Имом Козим (а)-ро аз Мадина ба Бағдод овард ва ба баҳсу гуфтугӯҳои илмӣ нишаст:

Ҳорун:

- Мехоҳам аз шумо чизҳое бипурсам, ки муддате аст дар зеҳнам ноороми пайдо кардаанд ва то кунун аз касе напурсидаам. Ба ман гуфтаанд, ки шумо ҳаргиз дурӯғ намегӯед, пас ҷавоби маро дуруст ва рост бифармоед!

Имом:

- Агар ман озодии баён дошта бошам, туро аз он чӣ медонам дар заминаи пурсишат огоҳ хоҳам кард.

Ҳорун:

- Дар баён озод ҳастед, ҳар чӣ мехоҳед бифармоед...

Аммо нахустин пурсиши ман: Чаро шумо ва мардум мӯътақид ҳастед, ки шумо фарзандони Абӯтолиб аз мо фарзандони Аббос бартар ҳастед, дар ҳоле ки мо ба шумо аз танаи як дарахтем.

Абӯтолиб ва Аббос ҳарду амакҳои паёмбар буданд ва аз ҷиҳати хешовандӣ бо паёмбар аз ҳам фарқе надоранд.

Имом:

- Мо аз шумо ба паёмбар наздиктарем.

Ҳорун:

- Чӣ тавр?

Имом:

**-** Чун падари мо Абӯтолиб бо падари Расули Худо(с) аз як падару модар буданд, вале Аббос танҳо аз сӯи модар буд.

Ҳорун, **-** пурсиши дигар:

**-** Чаро шумо даъвогар ҳастед, ки аз паёмбар мерос ҳам мебаред, дар ҳоле ки медонем ҳангоме ки паёмбар реҳлат кард амакаш Аббос (падари мо) зинда буд, аммо амаки дигараш Абӯтолиб (падари шумо) зинда набуд ва маълум аст, ки то амак зинда аст, мерос ба писари амак намерасад.

Имом:

**-** Оё озодии баён дорам?

Ҳорун:

**-** Дар оғози сухан гуфтам, доред.

Имом:

**-** Алӣ ибни Абӯтолиб(а) мефармояд: бо будани фарзандон ҷуз падару модар ва зану шавҳар дигарон ирс намебаранд ва бо будани фарзандон барои амак на дар Қуръон ва на дар ривоятҳо меросе собит нашудааст. Пас ононе, ки амакро дар ҳукми падар медонанд, аз пеши дили худ мегӯянд ва каломашон асосе надорад (яъне бо будани Заҳро - фарзанди Расуллуллоҳ(с) ба амаки ӯ Аббос ирс намерасад).

Изофа бар ин аз паёмбар дар мавриди Алӣ (друди Худо бар ӯ) нақл шудааст, ки: "**Ақзокум Алиюн**, **-** ***Алӣ беҳтарин қозии шумост"*** ва низ аз халифаи дуввум Умар ибни Хаттоб нақл шудааст,



ки: "**Алиюн ақзоно**, **-** ***Алӣ беҳтарин қазоваткунандаи мост".***

Ин ҷумла унвони ҷомее аст, ки барои ҳазрати Алӣ ба исбот расидааст, зеро ҳамаи донишҳое, ки паёмбар асҳоби худро бо онҳо сутуда, аз қабили илми Куръон, илми аҳком ва мутлақи илм ҳама дар мавҳум ва маънои қазовати исломӣ ҷамъ аст. Вақте мегӯем Алӣ дар қазоват аз ҳама болотар аст, яъне дар ҳамаи илмҳо аз дигарон болотар аст.

Пас гуфтори Алӣ, ки мегӯяд: "Бо будани фарзандон, амак мерос намебарад", ҳуҷҷат аст ва бояд онро қабул кунем, на гуфтаи: "Амак дар ҳукми падар аст"-ро, зеро ба баёни равшану возеҳи паёмбар, Алӣ аз дигарон ба аҳкоми дин ошнотар аст.

Ҳорун,**-** пурсиши дигар:

**-** Чаро шумо иҷозат медиҳед мардум шуморо ба паёмбар нисбат дода бигӯянд: "Фарзандони Расули Худо", дар сурате, ки шумо фарзандони Алӣ ҳастед. Маълум ҳаст, ки ҳар кас ба падари худ нисбат дода мешавад (на ба модар) ва паёмбар бобои модарии шумост.

Имом:

**-** Агар паёмбар зинда шуда ва аз духтари ту хостгорӣ кунад, ба ӯ медиҳӣ?

Ҳорун:

- Субҳоналлоҳ, чаро надиҳам, балки дар он сурат бар араб, аҷам ва қурайш ифтихор ҳам хоҳам кард.

Имом:

- Аммо, агар паёмбар зинда шавад, аз духтари ман хостгорӣ нахоҳад кард ва ман ҳам нахоҳам дод.

Ҳорун:

- Чаро?

Имом:

- Чун ӯ падари ман аст, (гарчанде аз тарафи модар) вале падари ту нест.

(Пас метавонам худро фарзанди Расули Худо донам).

Ҳорун:

- Пас чаро шумо худро сулолаи авлоди паёмбар медонед, дар ҳоле, ки сулола аз сӯи писар аст, на аз сӯи духтар.

Имом:

- Маро аз посухи ин пурсиш маъзур дор.

Ҳорун:

- Не, бояд посух диҳед ва аз Қуръон далел оваред…

Имом:

“... **Ва мин зурриятиҳи Довуда ва Сулаймона ва Айюба ва Юсуфа ва Мӯсо ва Ҳоруна**



**ва казолика наҷзил муҳсинина ваз Закариё ва Яҳё ва Исо**…”[1]

Акнун мепурсам:

- Исо, ки дар ин оя сулолаи Иброҳим ба шумор омада аст, оё аз сӯи падар ба ӯ мансуб аст ё аз сӯи модар?

Ҳорун:

- Аз рӯи матни Қуръон Исо падар надоштааст.

Имом:

- Пас аз сӯи модар сулолаи ӯ мебошад, мо низ аз сӯи модарамон Фотима (дуруди Худо бар ӯ) сулолаи авлоди паёмбар маҳсуб мешавем.

- Оё ояти дигаре бихонам?

Ҳорун:

- Бихонед!

Имом,- ояти “мубоҳила”-ро мехонам:

**“Фаман ҳоҷҷака фиҳи мин баъди мо ҷоака минал илми фақул таъолав надъу абноано ва абноакум ва нисоано ва нисоакум ва анфусано ва анфусакум сумма набтаҳил фанаҷъал лаънаталлоҳи алал козибин”**.[2]

Ҳеҷ кас даъво накардааст, ки паёмбар дар мубоҳила бо насорои Наҷрон ҷуз Алӣ, Фотима ва Ҳасану Ҳусайн каси дигареро барои мубоҳила бо худ бурда бошад. Пас мисдоқи абноано (писаронамонро) дар ояти мазкур Ҳасан ва

[1] Сураи “Анъом” ояти 84.

[2] Сураи “Оли Имрон” ояти 61

Ҳусайн (дуруди Худо бар он ҳарду) ҳастанд, бо онки онҳо аз сӯи модар ба паёмбар мансубанд ва фарзандони духтари он гиромӣ ҳастанд.

Ҳорун:

- Аз мо чизе намехоҳед?

Имом:

- Не, мехоҳам ба хонаи худ баргардам.

Ҳорун:

- Дар ин маврид бояд фикр кунем…[1]

**Ибодат**

Шинохти хоси он гиромӣ аз Худованд ва унси рӯҳии вай бо Парвардигори бузург ва нуронияти зотии вай, ки хоси имомони пок аст, ҳамаи ин ӯро ба ибодати гарму розу ниёзи ошиқона бо Худо тела медод. Вай ибодатро ҳамонсон, ки Худованд дар Қуръон ба унвони ғояти офариниш шиносондааст, медонист ва ҳангоми фароғат аз корҳои иҷтимоӣ ҳеҷ кореро ҳамвазни он қарор намедод. Ҳангоме ки ба дастури Ҳорун ба зиндон афтод, чунин фармуд:

> ***Худовандо, чи бисёр муддат мебуд, ки аз ту мехостам маро барои ибодати хеш фароғат диҳӣ. Инак дуоямро ба иҷобат расондӣ, пас туро бар ин сипос мегӯям".[2]***

[1] "Уйуну ахборир-Ризо" ҷ.1, саҳ.81, чопи Қум.

[2] "Ҳаётул-имом" ҷ.1, саҳ.140, "Иршод"-и Муфид саҳ.281 бо каме тафовут.



Ин ҷумла шиддати машғул будан ба корҳои иҷтимоии он бузургворро дар рӯзҳое, ки ба зиндон нарафта буданд, низ мерасонад.

Ҳангоме ки Имом(а) дар зиндони Рабиъ буданд, Ҳорун гоҳе рӯи боме, ки наздик ба зиндони имом буд, мерафт ва ба дохили зиндон нигоҳ мекард. Ӯ ҳар бор медид, ки чизе мисли либос дар гӯшаи зиндон афкандаанд ва аз ҷой намеҷунбад ва боре пурсид, ки он либос аз они кист? Рабиъ гуфт:

- Либос нест, Мӯсо ибни Ҷаъфар аст, ки бисёрии вақт дар ҳолати саҷдаю ибодати Парвардигор заминро бӯса мезанад.

Ҳорун гуфт:

- Ба ростӣ ӯ аз уббоди[1] Бани Ҳошим аст.

Рабиъ гуфт:

- Пас чаро дастур медиҳӣ, ки дар зиндон ба ӯ сахтгирӣ кунам.

Гуфт:

- Ҳайҳот, чорае ҷуз ин нест!![2]

Боре Ҳорун канизи моҳчеҳраеро ба унвони хидматгор ба он гиромӣ фиристод. Ӯ мақсад дошт, ки агар имом ба каниз тамоюле нишон доданд, аз ин роҳ даст ба таблиғоти зидди он гиромӣ бизанад. Имом ба оварандаи духтар гуфт:

[1] Ҷамъи ибодаткунанда.

[2] "Ҳаётул-имом" ҷ.1, саҳ.140, "Иршод"-и Муфид саҳ.281 бо каме тафовут.

- Шумо ба ин ҳадяҳо дил бастаед ва ба онҳо менозед, ман ба ин ҳадя ва амсоли он ниёзе надорам. Ҳорун хашмгин шуд ва дастур дод, ки канизро ба зиндон бар ва ба имом бигӯ: мо туро бо розигии худи ту ба зиндон наяфкандаем.(яъне мондани ин каниз ҳам вобастагӣ ба ризояти ту надорад).

Чизе нагузашт, ки ҷосусони Ҳорун, ки маъмури гузориши иртиботи каниз бо имом буданд ба Ҳорун хабар доданд, ки канизак бештари вақт дар ҳоли саҷда аст. Ҳорун гуфт: ба Худо савганд Мӯсо ибни Ҷаъфар ӯро афсун кардааст...

Ҳорун канизро даъват кард ва аз ӯ бозҷӯӣ кард, аммо канизак ҷуз хубӣ аз имом чизе нагуфт. Ҳорун ба маъмури худ дастур дод, ки канизро назди худ нигаҳ дорад ва бо касе чизе аз ин моҷаро нагӯяд. Канизак дар ин муддат пайваста ба ибодат буд то чанд рӯз пеш аз вафоти Имом(а) аз дунё рафт.[1]

Он гиромӣ ин дуоро бисёр мехонданд:

**«Аллоҳумма инни асъалукар роҳата индал-мавти вал афва индалҳисоби».**

[1] “Маноқиб”-и Ибни Шаҳрошӯб чопи Қум, ҷ.4, саҳ.297



***Парвардигоро, аз ту осоиши ҳангоми марг ва гузашту бахшоиши ҳангоми ҳисобро металабам.***[1]

Ҳазрат Қуръонро бисёр хуш мехонд, чандон ки ҳар кас садои ӯро мешунид, мегирист.

Мардуми Мадина ба вай “Зайнулмутаҳаҷҷидин”,- яъне “Зинати шабзиндадорон” лақаб дода буданд.[2]

**Ҳилм, гузашт ва бурдборӣ**

Бурдборӣ ва гузашти Имом Козим(а) бемонанд ва сармашқи кори дигарон буд.

Лақаби “Козим”, ки аз паси номи он бузургвор меояд, далолат аз ҳамин хислати он ҳазрат ва нишонаи шӯҳрати эшон ба “казми ғайз”, ба гузашту бурдбории ӯст.

Дар рӯзгоре, ки Аббосиён дар саросари кишварҳои исломӣ вазъияти хафақоновар (буғикунанда) эҷод карда, амволи мардумро ба унвони байтулмол мегирифтанд ва сарфи айшу нӯши худ мекарданд, бар асари талаву тороҷи онҳо фақри умумӣ ҳукмфармо буд. Аксарияти мардум бефарҳангу фақир буданд. Таблиғоти зиддиалавии Аббосиён зеҳнҳои соддалавҳонро меолуд. Гоҳ-гоҳ бархе аз сари нодонӣ бар Имом(а) эътироз мекарданд ва он бузургвор бо

[1] “Иршод”-и Муфид саҳ.277.
[2] “Иршод”-и Муфид саҳ.279.

ахлоқи олии хеш барошуфтаҳоро таскин дода, бо адабу матонат онҳоро адаб мекард.

Марде дар Мадина мезист. Ӯ имомро озор медод ва ҳаргоҳ, ки он ҳазратро медид бо дашном таҳқир мекард.

Бархе аз ёрони Имом(а) пешниҳод мекарданд, ки ӯро аз миён бардоранд. Имом ба таври қатъӣ эшонро аз ин кор манъ мекард.

Рӯзе имом ҷои ӯро, ки дар киштзори беруни Мадина буд, пурсиданд.

Ҳазрат савори чорпое шуда ба он ҷо рафтанд ва ӯро дар сари замини кишташ ёфтанд ва савора вориди киштзор шуданд. Ӯ фарёд зад, ки зироати маро поймол накун!

Ҳазрат ба гуфтаи ӯ гӯш накарданд ва ҳамчунон савора назди ӯ рафтанд.[1] Вақте канори ӯ расиданд аз чаҳорпо пиёда шуданд ва бо кушодарӯию бузургворӣ аз ӯ пурсиданд:

- Чӣ қадар барои ин киштзор харҷ кардаӣ?

Гуфт:

- Сад динор.

Фармуданд:

- Чӣ миқдор умеди фоида дорӣ?

Гуфт:

- Ғайбро намедонам.

[1] Азбаски ин кор барои ислоҳу ба роҳ даровардани он шахс анҷом мегирифт, дар назари Имом(а) ҷоиз, балки лозим будааст.



Фармуданд:

- Гуфтам чӣ миқдор умедвор ҳастӣ?

Гуфт:

- Умеди дусад динор суд дорам.

Ҳазрат сесад динор ба ӯ марҳамат намуданд ва гуфтанд: “Зироат ҳам аз они худат, Худо ба ту он чӣ ба он умед дорӣ расонад”.

Он шахс бархост, сари он гиромиро бӯсид ва аз Имом(а) хост, ки гуноҳону ҷасоратҳои вайро даргузаранд. Имом табассуме карданд ва баргаштанд...

Рӯзи баъд он мард дар масҷид нишаста буд, ки Имом(а) ворид шуданд.

Он мард вақте нигоҳаш ба Имом(а) афтод гуфт:

**«Аллоҳу аъламу ҳайсу яҷъалу рисолатаҳу»**.

***Худо беҳтар медонад, ки рисолати хешро ба чӣ касоне бидиҳад”.***

(Киноя аз он ки имом Мӯсо ибни Ҷаъфар ба ростӣ шоистагии имоматро доранд)

Дӯстонаш бо тааҷҷуб пурсиданд:

- Достон чист, қаблан аз ӯ бад мегуфтӣ?

Ӯ дубора Имомро дуо кард ва дӯстонаш бо ӯ ба ситеза бархостанд...

Имом бо ёроне аз худ, ки қасди қатли ӯро доштанд фармуд: “Кадом беҳтар аст, нияти шумо

ё ин ки ман бо рафтори хеш ӯро ба роҳ даровардам?[1]

## Саховат ва бахшандагӣ

Имом (а) ба дунё ба чашми ҳадаф наменигарист. Агар моле фароҳам меоварди, дӯст медошт бо он хидмате бикунад ва рӯҳи парешони афсурдаеро оромиш бахшад, гуруснаеро сер кунад ва бараҳнаеро бипӯшонад.

Муҳаммад ибни Абдуллоҳи Бакрӣ мегӯяд: аз ҷиҳати молӣ сахт дармонда шуда будам. Барои он ки пуле қарз кунам вориди Мадина шудам, аммо ҳарчи ин дару он дарро задам натиҷае нагирифтам ва бисёр хаста шудам. Бо худ гуфтам, хидмати ҳазрати Абулҳасан Мӯсо ибни Ҷаъфар (дуруди Худо бар ӯ) биравам ва аз рӯзгори хеш назди он бузург шикоят кунам.

Пурсон-пурсон эшонро дар киштзори яке аз деҳаҳои атрофи Мадина саргарми кор ёфтам. Имом барои пазирой аз ман наздам омаданд ва бо ман таом хӯрданд.

Пас аз хӯрдани таом пурсиданд:

- Бо ман коре доштӣ? Воқеаро барояшон арз кардам. Имом бархостанд ва ба ҳуҷрае ки дар канори киштзор буд, рафтанд. Вақте баргаштанд, бо худ сесад динори тилло (сикка) оварданд ва ба

[1] “Иршод”-и Муфид саҳ.278. “Таърихи Бағдод” ҷ.13, саҳ.28.



ман доданд. Ман бар маркаби худ ва бар маркаби мурод савор шудам ва баргаштам.[1]

Аббос ибни Муҳаммад, ки синнаш ба навад расида буд, мегӯяд: як сол харбуза, бодиринг ва каду кошта будам. Ҳангоми чидан наздик мешуд, ки малах тамоми маҳсулотро аз байн бурд ва ман яксаду бист динор зарар дидам.

Дар ҳамин айём ҳазрати Имом Козим (а) (ки гӯё муроқиби аҳволи якояки мо шиаён буданд) рӯзе назди ман омаданд. Ҳазрат салом карданд ва ҳоламро пурсиданд.

Арз кардам:

- Малах ҳамаи кишти маро аз байн бурд.

Пурсиданд:

- Ба чӣ миқдор зиён дидаӣ?

Гуфтам:

- Бо пули шутурҳо саду бист динор.

Имом (а) саду панҷоҳ динор ба ман доданд.

Арз кардам:

- Шумо, ки вуҷуди бобаракате ҳастед, ба киштзори ман ташриф биоваред ва дуо кунед.

Имом омаданд, дуо карданд ва фармуданд:

- Аз паёмбар ривоят шудааст, ки: “Ба боқимондаҳои милку моле, ки ба он зиён ворид шудааст бичаспед”.

[1] “Таърихи Бағдод” ҷ.13, саҳ.28.

Ман ҳамон заминро об додам ва Худо ба он баракат дод. Киштзор чунон ҳосил овард, ки ба даҳ ҳазор динор фурӯхтам.[1]

## Суханони Имом (а)

***1-** Фурӯтанӣ дар он аст, ки бо мардум чунон кунӣ, ки дӯст медорӣ бо ту ҳамон гуна рафтор кунанд.*[2]

***2-** Беҳтарин василаи наздикӣ бо Худо пас аз шинохти ӯ: намоз, некӣ ба падару модар, тарки ҳасад, худписандӣ, фахр ва нозидан аст.*[3]

***3-** Он кас, ки хиёнат кунад ва айби чизеро бар мусулмоне бипӯшад ё аз роҳи дигар ӯро гӯл занад ва макру ҳила кунад, боиси лаънати Худованд мегардад.*[4]

***4-** Бандаи бисёр бади Худованд касе аст, ки дурӯя ва дузабон бошад: пеши рӯи бародари динӣ саною мадҳи ӯ гӯяд ва чун аз ӯ дур шуд бадгӯӣ кунад ё агар ба бародари мусулмонаш неъмате ато шуд, ба ӯ рашк варзад ва чун гирифторӣ барояш пеш омад, аз ёрии вай даст бардорад.*[5]

***5-** Ҳар кас ошиқи дунё шуд, тарси охират аз*

[1] "Таърихи Бағдод" ҷ.13, саҳ.29.
[2] "Васоил" ҷ.2, саҳ.456 чопи қадим
[3] "Туҳафулуқул"
[4] "Мустадракулвасоил" ҷ.2, саҳ.455.
[5] "Мустадракулвасоил" ҷ.2, саҳ.102.



*дилаш рахти сафар бармебандад.*[1]

***6-** Хайруллумури авсатуҳо, - Беҳтарини корҳо ҳадди миёнаи онҳост.*[2]

***7-** Ҳассину амволакум биззакоти, - Амволи худро бо додани закот ҳифз кунед.*[3]

Дуруди Худо бар ӯ бод, ки имоми ростин буд, беҳтарин буд, дар раҳбарию хислатҳои олию нотакрор. Ҳамеша то инсон боқист, аз лаби шаҳидону озодагон бар ӯ дуруд бод.

## Баррасӣ ва таҳкими имомати он ҳазрат

Имомони гиромии моро расм бар ин буд, ки барои шиносондани имом ва марҷаи илмӣ, сиёсӣ ва динии баъд аз худ ба ном ва шахси ӯ равшанӣ меандохтанд, то барои онҳое, ки мехостанд аз ин роҳгузар сӯиистифодаҳои сиёсӣ кунанд, қароргоҳе боқӣ намонад ва шиаёни ростин имом ва ҷонишини воқеиро шиносанд. Аз ин рӯ дар мавриди Имом Козим (а) низ падари гиромиашон бо вуҷуди ҳукумати тангу тори Аббосӣ ва боз дар мавридҳои бисёр ба имомати он ҳазрат пас аз худ ишора кардаанд, ки танҳо ба чанд намуна иктифо мешавад:

[1] "Оини зиндагӣ" саҳ.131.
[2] "Биҳоруланвор" ҷ.48, саҳ.154.
[3] "Биҳоруланвор" ҷ.48, саҳ.150.

1- **Алӣ ибни Ҷаъфар** гӯяд: падарам Имом Содиқ (а) ба гурӯҳе аз асҳоб ва хосони худ фармуд:

> ***“Супориши маро дар мавриди фарзандам Мӯсо пазиред, зеро ӯ аз ҳамаи фарзандони ман ва низ аз ҳамаи касоне, ки аз ман ба ёдгор мемонанд, бартар аст ва ҷонишини ман пас аз ман ва ҳуҷҷати Худованд бар ҳамаи бандагони Худо хоҳад буд”.***[1]

2- **Умар ибни Абон** мегӯяд: Имом Содиқ(а) имомони пас аз худро ёд кард.

Ман Исмоил фарзанди эшонро ном бурдам, фармуд: Не, ба Худо савганд ин кор ба ихтиёри мо нест, ба дасти Худост.[2]

3- **Зурора -** яке аз барҷастатарин шогирдони Имом Содиқ (а) мегӯяд: Хидмати он бузург расидам, сарвари фарзандонаш Мӯсо (а), самти рости он гиромӣ ва ҷанозае, (ки ҷанозаи фарзанди дигараш Исмоил буд), рӯ ба рӯи ҳазрат қарор дошт.

Ба ман фармуд:

- Зурора бирав ва Довуди Рақӣ, Ҳамрон ва Абӯбасир (се тан аз ёрони он ҳазрат)-ро биёвар. Рафтам ва овардам.

[1] “Эъломулваро”-и Табарсӣ саҳ.291

[2] “Басоируддараҷот” саҳ.471, чопи нав.



Дигарон ҳам меомаданд то сӣ нафар шудем ва ҳуҷра пур шуд.

Имом ба Довуди Рақӣ фармуданд:

- Порчаи рӯи ҷанозаро канор гузор, Довуд чунон кард, ки Имом фармуда буданд. Он гоҳ он гиромӣ фармуд:

- Довуд! Нигоҳ кун Исмоил зинда аст ё мурда.

Гуфт:

- Сарвари ман, мурдааст.

Имом ба якояки ҳозирон ҷанозаро нишон дод ва ҳама гуфтанд, мурда аст.

Фармуд:

- Худовандо гувоҳ бош, ки барои рафъи иштибоҳи мардум то ин андоза кӯшидам. Сипас Ҳазрат дастур доданд, ӯро ғусл доданд, дар кафан гузоштанд ва чун тамом шуд, боз ба Муфаззал фармуданд:

- Рӯи ӯро боз кун.

Муфаззал чунон кард, ки Имом фармуда буданд. Он гоҳ фармуданд:

- Зинда аст ё мурда?

Муфаззал арз кард:

- Мурда аст. Бори дигар аз ҳамаи ҳозирон пурсиданд ва ҳама ҳамон сухани қаблиро гуфтанд. Ҳазрат бори дигар фармуданд:

- Худоё гувоҳ бош, аммо боз гурӯҳе, ки мехоҳанд нури Худоро хомӯш кунанд, мавзӯи имом будани Исмоилро матраҳ хоҳанд кард.

Дар ин ҳангом ҳазрат ба фарзандаш Мӯсо ишорат кард ва фармуд:

- Худо нури худро таид мекунад, гарчи гурӯҳе онро нахоҳанд.

Исмоилро дафн карданд ва Имом(а) аз ҳозирон пурсиданд:

- Он ки дар ин ҷо дафн шуд, кӣ буд?

Ҳама гуфтанд:

- Фарзандатон Исмоил.

Имом фармуданд:

- Худоё гувоҳ бош. Сипас дасти фарзанди худ Мӯсоро гирифтанд ва гуфтанд:

**«Ҳувал ҳаққу вал ҳаққу маъаҳу ва минҳу илло ан ярисаллоҳул арза ва ман алайҳо»**.

***Ӯ барҳақ ва бо ҳақ аст, ҳақ аз ӯст, то рӯзи растохез.*[1]**

**4- Мансур ибни Ҳозим** мегӯяд, ки ба Имом Содиқ арз кардам:

- Падару модарам фидои шумо бод, ҳар субҳу шом ҷонҳо дар маърази марг қарор доранд ва агар барои шумо чунин пеш ояд, чӣ касе имоми мо хоҳад буд? Имом даст бар китфи рости фарзандаш Мӯсо зад ва фармуд:

***“Агар барои ман пешомаде рух дод, ин фарзандам имоми шумо хоҳад буд”.***

---

[1] “Ғайбат”-и Нӯъмонӣ чопи сангӣ саҳ.179. “Биҳоруланвор” ҷ.48, саҳ.21.



Дар он ҳангом Мӯсо панҷсола буд ва Абдулло фарзанди дигари Имом Содиқ, ки баъдҳо бархе ба имоматии ӯ ақидаманд шуданд дар он маҷлис бо мо буд.

**5- Шайхи Муфид**, раҳмати густурдаи Худованд ба равони поки ӯ бод, мегӯяд:

- Гурӯҳе аз бузургони ёрони имоми шашум (дуруди Худо бар ӯ) монанди: Муфаззал ибни Умар, Маоз ибни Касир, Абдураҳмон ибни Ҳаҷоҷ, Файз ибни Мухтор, Яъқуби Сарроҷ, Сулаймон ибни Холид, Сафвони Ҷаммол ва дигарон, ки зикри номашон дароз мекашад, мавзӯи ҷонишинии ҳазрати Имом Козим (а)-ро ривоят кардаанд ва низ аз Исҳоқ ва Алӣ- ду бародари Имом Мӯсои Козим, ки дар фазлу худотарсӣ ва тақвои онон шаке нест, ривоят шудааст.[1]

Бо ин ҳама таъкидҳо ва равшаниандозиҳо барои шиа ва ононе, ки бо имоми шашум сарукор доштанд, мушаххасу муайян буд, ки пас аз он гиромӣ фарзандаш Абулҳасан Мӯсо ибни Ҷаъфари Козим имом аст, на Исмоил, ки дар ҳаёти падар аз дунё рафт, на фарзанди Исмоил, ки Муҳаммад ном дошт ва на фарзанди дигари Имом Содиқ (а), ки Абдулло номида мешуд. Бо ҳамаи ин вуҷуд пас аз даргузашти он имоми

---

[1] “Иршод”-и Муфид саҳ.270.

ростин гурӯҳе ба имомати фарзандаш Исмоил ва ё фарзанди Исмоил ва ё Абдулло мӯътақид шуданд ва аз роҳи равшане, ки барояшон муайян шуда буд, ба инҳироф гароиданд.

**Шогирдон ва тарбиятёфтагони мактаби Имом (а)**

Дониш ва рафтори он гиромӣ намоишгари илму амали Паёмбари Ислом (с) ва аҷдоди покаш буд. Ҳамаи ташнагони илму камол аз чашмаи мактаби ӯ сероб мешуданд ва чунон меомӯхт, ки шогирдони вай дар камтарин замон метавонистанд ба мақомҳои олии имонӣ ва амалӣ бирасанд.

Ҳудуди бист сол аз умри гиромиаш мегузашт, ки падари бузургвораш реҳлат кард ва аксари шогирдону тарбиятёфтагони мактаби падар ба ӯ рӯй оварданд. Ин бузургон бештар аз сӣ сол аз он гиромӣ истифода бурданд.[1]

Тарбиятшудагони мактаби он гиромӣ дар илми фиқҳ, ҳадис, калом ва мунозира бо дигарон қобили қиёс набуданд. Инчунин онон дар ахлоқу амал ва хидмат ба мусулмонон намунаи рӯзгор буданд. Устодони илми калом қудрати баҳс бо ҳеҷ як аз онон ро надоштанд ва дар мунозираҳо

[1] Вафоти Имом Содиқ(а) дар соли 148 ҳиҷрии қамарӣ ва вафоти Имом Козим(а) дар соли 183 воқеъ шудааст.



бо онон ба зудӣ аз пой меафтоданд ва ба нотавонии худ эътироф мекарданд.

Азамати рӯҳӣ ва шахсияти азими ин шогирдони Имом(а) чашми мухолифин, ба хусус ҳукумати вақтро хира карда буд. Ҳукуматдорон бим доштанд, ки инон бо он муваффақият ва маҳбубияте, ки доранд, қиём карда ва мардумро аз паси худ мекашонанд.

Инак, мухтасаре аз шарҳи ҳоли бархе аз тарбиятшудагони ин мактабро аз назар мегузаронем.

**1- Ибни Абӯумайр**

Ӯ дар соли 217 аз олам чашм пӯшид ва маҳзари се имом (Имом Козим, Имом Ризо ва Имом Ҷаводро, ки бар ҳамаашон дуруди Худо бод) дарк кард. Вай яке аз донишмандони машҳур ва аз бузургони ёрони имомони пок буд ва ривоятҳои бисёре перомуни масоили мухталиф аз ӯ ба ёдгор мондааст. Мақоми волои ӯ забонзади шиа ва суннӣ ва мавриди итминони ин ҳарду даста буд. Ҷоҳиз, ки яке аз донишмандони аҳли суннат аст, дар бораи ӯ менависад: “Ибни Абӯумайр дар ҳамаи чиз ягонаи замон буд”.[1]

Фазл ибни Шозон мегӯяд:

[1] “Мунтаҳаломол” саҳ.254, чопи сангӣ.

***“Бархе ба ҳукумати вақт хабар доданд, ки Ибни Абӯумайр номи тамоми шиаёни Ироқро медонад. Ҳукумат аз ӯ хост, ки номи ононро бигӯяд, ӯ аз ин амал сарпечӣ кард. Ӯро бараҳна карда миёни ду дарахти хурмо овехтанд ва сад тозиёна ба ӯ заданд, инчунин сад ҳазор дирҳам зарари молӣ ба ӯ расонданд”.***[1]

Ибни Букайр мегӯяд:

***“Ибни Абӯумайр зиндонӣ шуд ва дар ҳабс нороҳатии фаровоне бар ӯ расид. Инчунин ҳарчи сарват дошт аз ӯ гирифтанд***[2]***, гӯё дар давоми ҳамин зиндонӣ шуданҳо ва гирифториҳо буд, ки китобҳои ҳадисии ӯ аз байн рафт”.***

Шайхи Муфид менависад:

Ибни Абӯумайр ҳабдаҳ сол дар зиндон буд ва амволаш аз байн рафт. Шахсе даҳ ҳазор дирҳам аз ӯ қарздор буд, вақте фаҳмид, ки Ибни Абӯумайр сарвати худро аз даст додааст, хонаи худро фурӯхт ва даҳ ҳазор дирҳами Ибни Абӯумайрро назди ӯ бурд.

Ибни Абӯумайр гуфт:

- Ин пулро аз куҷо овардӣ? Меросе ба ту расида аст ё ганҷе ёфтаӣ?

---

[1] “Риҷол”-и Кашшӣ саҳ.591.

[2] “Риҷол”-и Кашшӣ саҳ.590.



Хонаамро фурӯхтам!

Имом Содиқ ба ман фармудааст: “Хонаи маскунии мавриди лузум аз истисноҳои вом ва қарз аст”, аз ин рӯ бо ин ки ба ин пулҳо ҳатто ба як дирҳамаш ниёз дорам, қабул намекунам”.[1]

**2- Сафвон ибни Меҳрон**

Сафвон аз мардони пок ва мувассақе (ростгӯ) буд, ки бузургони уламо ба ривоятҳои ӯ аҳамият медиҳанд. Ӯ дар ахлоқ ва рафтор ба мақоме расида буд, ки мавриди таиди Имом(а) воқеъ шуд. Чи хеле ки пештар ишора кардем, вақте аз имом шунид, ки ба ситамкорон набояд кӯмак кард, аз ҳар гуна ёрӣ ба онон худдорӣ варзид ва шутуронеро, ки ба кироя ба Ҳорун медод, фурӯхт то маҷбур набошад аз ин роҳ ба ситамгар кӯмак карда бошад.[2]

**3- Сафвон ибни Яҳё**

Вай аз бузургони асҳоби Имом Козим(а) буд. Шайхи Тӯсӣ менависад: “Сафвон назди аҳли ҳадис ростгӯтарин мардуми замон ва порсотарини онон ба шумор мерафт”.[3]

Сафвон Имом Ризо(а)-ро низ дарк кард ва назди он Ҳазрат мақому манзалати олӣ дошт.[4] Имом Ҷавод(а) низ Сафвонро ба некӣ ёд мекард

---

[1] “Ихтисос”-и Шайхи Муфид чопи Теҳрон саҳ.86

[2] “Риҷол”-и Кашшӣ саҳ.440-441.

[3] “Феҳраст”-и Шайхи Тӯсӣ саҳ.109, чопи Наҷаф 1380 ҳ.қ.

[4] “Феҳраст”-и Наҷошӣ саҳ.148, чопи Теҳрон

ва мефармуд: “Худо аз ӯ (ба ризояте, ки ман аз ӯ дорам) розӣ бошад, ҳеҷ гоҳ бо ман ва падарам мухолифат наварзид.[1]

Имом Козим (а) мефармуд:

> ***“Зарари ду гурги дарранда, ки бо ҳам ба ҷони рамаи гӯсфанди бечӯпоне биафтанд, беш аз зиёни ҳубби раёсат нисбат ба дини шахси мусулмон нест ва фармуд: аммо ин Савфон мансабталаб нест”.***[2]

**4- Алӣ ибни Яқтин**

Вай дар соли 124-и қамарӣ дар Кӯфа ба дунё омад.[3] Падараш шиа буд ва барои Имом Содиқ (а) аз амволи худ мефиристод. Марвон ӯро таъқиб кард. Вай гуреза шуд ва ҳамсару ду писараш Алӣ ва Абдулло ба Мадина рафтанд. Ҳангоме ки давлати Умавӣ аз ҳам пошид ва ҳукумати Аббосӣ ташкил шуд, Яқтин пайдо шуд ва бо ҳамсару ду фарзандаш ба Кӯфа баргашт.[4]

Алӣ ибни Яқтин бо Аббосиҳо комилан иртибот барқарор кард ва бархе аз мансабҳои муҳимми давлатӣ насибаш шуд. Ӯ дар он мавқеъ

[1] “Риҷол”-и Кашшӣ саҳ.502.
[2] “Риҷол”-и Кашшӣ саҳ.503.
[3] “Феҳраст”-и Шайхи Тӯсӣ саҳ.117.
[4] “Феҳраст”-и Шайхи Тӯсӣ саҳ.117.



паногоҳи шиаён ва ёрманд дар кори онон буд ва ноpоҳатиҳои ононро бартараф мекард.

Ҳорунаррашид Алӣ ибни Яқтинро ба вазорати хеш баргузид. Алӣ ибни Яқтин ба Имом Козим арз кард:

- Назари шумо дар бораи ширкат дар корҳои инон чист?

Фармуд:

- Агар ногузирӣ, аз амволи шиа парҳез кун.

Ровии ин ҳадис мегӯяд: Алӣ ибни Яқтин ба ман гуфт, ки амволро аз шиа дар зоҳир ҷамъоварӣ мекунам, вале дар пинҳон ба онон бармегардонам.[1]

Боре ба Имом Козим(а) навишт:

- Ҳавсалаам аз корҳои султон танг шудааст, Худо маро фидоят гардонад, агар иҷозат диҳед, аз ин кор канора мегирам.

Имом дар посухи ӯ навишт:

- Иҷозат намедиҳам аз корат канорагирӣ кунӣ, аз Худо бипарҳез![2]

Ва низ боре ба ӯ фармуд:

- Ба як кор мутааҳҳид шав, ман се чизро барои ту тааҳҳуд мекунам: ин ки қатл бо шамшер, фақр ва зиндон ба ту нарасад. Алӣ ибни Яқтин гуфт:

- Коре, ки ман бояд мутааҳҳид шавам чист?

Фармуд:

[1] “Кофӣ” ҷ.5, саҳ.110.
[2] “Қурбулиснод” саҳ.126, чопи сангӣ.

- Ин ки ҳар гоҳ яке аз дӯстони мо назди ту биёяд, ӯро икром кунӣ.[1]

Абдулло ибни Яҳёи Коҳилӣ мегӯяд: хидмати Имом Козим(а) будам, ки Алӣ ибни Яқтин ба сӯи он Ҳазрат меомад. Имом рӯ ба ёронаш кард ва фармуд:

Ҳар кас дӯст дорад шахсе аз асҳоби Расули Худо(с)-ро бибинад, ба ин шахсе, ки ба сӯи мо меояд нигоҳ кунад. Яке аз ҳозирон гуфт:

- Пас ӯ аҳли биҳишт аст?

Имом фармуд:

- Гувоҳӣ медиҳам, ки ӯ аз аҳли биҳишт аст.[2]

Алӣ ибни Яқтин дар анҷоми фармонҳои Имом (а) ба ҳеҷ ваҷҳ саҳлангорӣ надошт, ҳар чӣ он гиромӣ дастур медод, анҷом медод, агарчи рози он дастурро надонад:

Боре Ҳорунаррашид либосҳое ба расми ҳадя ба Алӣ ибни Яқтин дод, ки дар миёни онҳо ҷабаи[3] шоҳона буд. Он либосҳо ва он ҷабаро ба изофаи амволи дигар барои Имом Козим (а) фиристод. Имом ҳамаи амвол ҷуз он ҷабаро пазируфт ва ба Алӣ ибни Яқтин навишт: "Ин либосро нигаҳ дор ва аз даст мадеҳ, ки ба зудӣ ба ин либос эҳтиёҷ хоҳӣ дошт".

[1] "Риҷол"-и Кашшӣ саҳ.433.
[2] "Риҷол"-и Кашшӣ саҳ.431.
[3] Ҷома, либоси дароз, ки аз рӯи либосҳо мепӯшанд.



Алӣ ибни Яқтин мутаваҷҷеҳ нашуд, ки чаро ҳазрат он либосро қабул накарданд, ба ҳар ҳол онро нигаҳ дошт. Аз миён чанд рӯз гузашт. Алӣ ибни Яқтин аз ғуломе, ки маҳрами ӯ буд, барошуфта шуд[1] ва ӯро берун кард. Ғулом, ки аз алоқаи Алӣ ибни Яқтин ба Имом Козим ва фиристодани амвол барои ӯ хабар дошт, пеши Ҳорун рафт ва он чӣ медонист гуфт. Ҳорун хашмгин шуд ва гуфт, ки ба ин кор расидагӣ мекунам, агар ин тавр, ки ту мегӯӣ ҳамон тавр бошад, ӯро хоҳам кушт. Ҳорун ҳамон лаҳза Алӣ ибни Яқтинро наздаш ҳозир кард ва пурсид:

- Он ҷабаро, ки ба ту додам чӣ кардӣ?

Гуфт:

- Онро муаттар карда дар ҷои махсусе ҳифз кардаам...

Ҳорун:

- Ҳамакнун онро биёвар!

Алӣ ибни Яқтин яке аз хидматгорҳои худро фиристод, либосро овард ва пеши Ҳорун гузошт. Ҳорун, ки либосро дид ором ёфт ва ба Алӣ ибни Яқтин гуфт:

- Либосро ба ҷои худ баргардон ва худат ҳам ба саломат баргард. Ҳорун гуфт: пас аз ин бадгӯии ҳеҷ касро дар мавриди ту намепазирам ва дастур дод он ғуломро ҳазор зарба шаллоқ бизананд.

[1] Ранҷид, ба ғазаб омад.

Ғулом ҳанӯз панҷсад зарба шаллоқ нахӯрда буд, ки ҷон супорид.[1]

Алӣ ибни Яқтин дар соли 182-и ҳиҷрии қамарӣ, замоне, ки ҳазрати Мӯсо ибни Ҷаъфар дар зиндон буд, аз дунё чашм пӯшид.[2] Ин марди бузургвор китобҳое доштааст, ки номи бархе аз онҳоро Шайхи Муфид ва Шайхи Садуқ ёд кардаанд.[3]

**5- Мӯъмини Тоқ** [4]

Муҳаммад ибни Алӣ ибни Нӯъмон, кунияаш Абӯҷаъфар ва лақаби ӯ Мӯъмини Тоқ аз асҳоби Имом Содиқ ва Имом Козим алайҳимо салом буд. Ӯ назди Имом Содиқ(а) манзалати азиме дошт ва он гиромӣ ӯро дар қатори бузургони асҳоби худ ёд намудааст.[5]

Мӯъмини Тоқ ин тавоноиро дошт, ки бо ҳар мухолифе баҳс кунад ва бар ӯ ғолиб мегашт.

Имом Содиқ (а) бархе аз ёрони худро ба хотири надоштани тавоноӣ ва истеъдодашон аз баҳсҳои каломӣ боз медоштанд, вале ба

[1] “Иршод”-и Муфид саҳ.275.

[2] “Риҷол”-и Кашшӣ саҳ.430.

[3] “Феҳраст”-и Шайхи Тӯсӣ саҳ.117.

[4] Мағозаи Мӯъмини Тоқ дар шаҳри Кӯфа дар зери тоқе (равоқ, пештоқ) қарор гирифта буд ва аз ҳамин сабаб бо ин ном машҳур шуд.

[5] “Риҷол”-и Кашшӣ саҳ.135, 239, 240.



Мӯъмини Тоқ вуруд ба ин мабоҳисро тавсия мефармуданд.

Имом Содиқ дар шаъни ӯ ба Холид фармуд: “Соҳиби Тоқ бо мардум ба баҳс мепардозад ва ҳамчун бози шикорӣ ба шикор фурӯд меояд ва ту агар болатро бичинанд ҳаргиз парвоз намекунӣ”[1]

**6- Ҳишом ибни Ҳакам**

Вай дар баҳсу мунозира ва илми калом нобиға ва дар ин фанн бар дигарон бартарӣ дошт. Ибни Надим менависад: “Ҳишом аз мутакаллимини шиа ва аз касоне буд, ки баҳс дар бораи имоматро мешикофт. Вай дар илми калом моҳир ва ҳозирҷавоб буд”.[2]

Ҳишом китобҳои бисёр навишт ва бо уламои динҳо ва мазҳабҳо мубоҳисаҳои ҷолибе анҷом дод:

Яҳё ибни Холиди Бармакӣ дар ҳузури Ҳорунаррашид гуфт:

- Оё мумкин аст ҳақ дар ду ҷиҳати мухолиф қарор гирад?

Ҳишом гуфт:

- Не.

Яҳё гуфт:

- Магар чунин нест, ки вақте ду нафар бо ҳам ихтилоф доранд ва баҳс мекунанд ё ҳарду

[1] “Риҷол”-и Кашшӣ саҳ.186.

[2] “Феҳраст”-и Ибни Надим саҳ.263 чопи Миср.

барҳаққанд ё ҳарду ботил ва ё яке барҳаққу дигаре ботил аст?

Ҳишом гуфт:

- Оре, холӣ аз ин се сурат нест, вале сурати аввал имкон надорад ва мумкин нест ҳарду барҳақ бошанд.

Яҳё гуфт:

- Агар қабул дорӣ чунончи ду нафар дар ҳукме аз аҳкоми дин бо ҳам низоу ихтилоф дошта бошанд, мумкин нест ҳарду барҳақ бошанд, пас Алӣ ва Аббос, ки назди Абӯбакр рафтанд ва дар бораи мероси Расули Акрам(с) бо ҳам низоъ карданд, кадом барҳақ буданд?

Гуфт:

- Ҳеҷ кадом, бар хато рафтанд ва достони онҳо назири ҳам дорад, дар Қуръони маҷид дар қиссаи Довуд(а) омадааст, ки ду фаришта бо ҳам низоъ доштанд ва назди Довуд(а) омаданд, ки низои ононро ҳал кунад. Аз он ду фаришта кадом барҳақ буданд?

Яҳё гуфт:

- Ҳарду барҳақ буданд ва бо ҳам ихтилоф надоштанд. Низои онон сурӣ (зоҳирӣ) буд ва мехостанд бо ин саҳна Довудро мутаваҷҷеҳи кори ӯ созанд.[1]

Ҳишом гуфт:

[1] Ин достон дар сураи "Сод" ояти 21-26 омадааст.



- Низои Алӣ(а) ва Аббос ҳам ҳамин тавр буд ва онҳо бо ҳам ихтилоф ва низое надоштанд.

Яҳё мутаҳайир шуда қудрати посух гуфтан надошт ва Ҳорунаррашид, Ҳишомро мавриди таҳсин қарор дод.[1]

Юнус ибни Яъқуб мегӯяд: гурӯҳе аз асҳоби Имом Содиқ(а), аз ҷумла Ҳамрон ибни Аъян, Мӯъмини Тоқ, Ҳишом ибни Солим, Тайёр ва Ҳишом ибни Ҳакам назди он бузургвор буданд ва Ҳишом дар он вақт ҷавон буд. Имом(а) ба Ҳишом гуфт:

- Оё хабар намедиҳӣ бо Амр ибни Убайд чӣ кардӣ ва чӣ гуна аз ӯ суол кардӣ?

Ҳишом гуфт:

- Аз шумо шарм мекунам ва дар хидмати шумо забонам намегардад бигӯям!

Имом фармуд:

- Вақте ба шумо дастуре медиҳем, анҷом диҳед!

Ҳишом гуфт:

Шунида будам, ки Амр ибни Убайд дар масҷиди Басра менишинад ва барои мардум сӯҳбат мекунад. Ин барои ман гарон буд. Рӯзи ҷумъа вориди Басра шудам. Ба масҷид рафтам ва Умар ибни Убайдро дидам, ки дар масҷид нишаста, мардум даври ӯро гирифтаанд ва аз ӯ

[1] "Алфусулулмухтора"-и Сайид Муртазо, саҳ.26, чопи Наҷаф.

матолибе суол мекунанд. Ҷамъиятро шикофтам, наздики ӯ нишастам ва гуфтам:

Эй донишманд, ман ғарибам, иҷоза бидеҳ суолеро матраҳ кунам!

- Иҷозат дод.

Гуфтам:

- Оё чашм дорӣ?

Гуфт:

Эй писарак, ин чӣ суоле аст?

Гуфтам:

- Суоли ман ҳамин гуна хоҳад буд.

Гуфт:

- Бипурс, гарчи суолат аҳмақона аст.

Дубора пурсидам:

- Чашм дорӣ?

Оре.

Ба воситаи он чӣ мебинӣ?

Рангҳо ва шаклҳоро.

Оё бинӣ дорӣ?

Оре.

Бо он чӣ мекунӣ?

Бӯйҳоро истишмом мекунам.

Даҳон дорӣ?

Оре.

Бо он чӣ мекунӣ?

Мазаи таомҳоро мечашам.

Оё мағз ва маркази эҳсос ҳам дорӣ?

Дорам.

Бо он чӣ мекунӣ?



Бо он ҳар чӣ бар ҷавореҳи (узвҳо) ман ворид шавад, тамиз ва ташхис медиҳам.

Оё ин узвҳо туро аз ин маркази эҳсос бениёз намекунанд?

Не!

Чӣ хел? Дар сурате, ки ҳамаи аъзо ва ҷавориҳи ту сиҳату солим ҳастанд! Ҳар гоҳ ин ҷавориҳ дар чизе шак кунанд, ба мағз ва маркази эҳсос руҷӯъ мекунанд то шакки онон бартараф ва яқин ҳосил шавад. Пас Худо мағзу маркази эҳсосро барои аз баён бурдани шакки ин ҷавориҳ қарор додааст?

Оре.

Пас ҳатман ба мағзу маркази эҳсос ниёз дорем?

Оре.

Ҳишом мегӯяд, гуфтам:

- Худованд ҷавориҳи туро бидуни имоме, ки дурустро аз нодуруст ташхис диҳад во нагузоштааст, аммо ҳамаи ин халқро дар ҳайрат, шак ва ихтилоф, бидуни имоме, ки дар ҳангоми ихтилофу шак ба ӯ руҷӯъ кунанд, во гузоштааст?!!

Амр ибни Убайд сокит шуд ва чизе нагуфт, сипас ба ман рӯй овард ва пурсид:

- Аҳли куҷоӣ?

Гуфтам:

- Аҳли Кӯфа.

Гуфт:

**-** Ту Ҳишом ҳастӣ ва маро пеши худ бурд. Ӯ маро дар ҷои худ шинонд ва дигар сӯҳбате накард то ман бархостам.

Имом Содиқ (а) табассум кард ва фармуд:

**-** Чӣ касе ба ту ин истидлолро ёд дод?

Ҳишом гуфт:

**-** Эй писари Расули Худо, ҳамин хел бар забонам омад.

Имом фармуд:

**-** Эй Ҳишом! Ба Худо савганд ин истидлол дар Суҳуфи Иброҳим ва Мӯсо навишта шудааст.[1]

***Поён.***

[1] "Риҷол"-и Кашшӣ саҳ.271-273. "Усули Кофӣ" ҷ.1, саҳ.196.



**Мундариҷа**


Сарсухан ....................5
Ҳикояти валодат....................9
Имом ва ҳукумати Аббосиён....................12
Фоҷиаи Фах....................18
Мавзеъгириҳои Имом (а) ....................22
Мунозираҳо ва гуфтугӯҳои илмӣ....................29
Ибодат....................35
Ҳилм, гузашт ва бурдборӣ ....................38
Саховат ва бахшандагӣ....................41
Суханони Имом (а)....................43
Баррасӣ ва таҳкими имомати он ҳазрат....................44
Шогирдони мактаби Имом (а)....................49